Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7.07. 2020, №1853
тасдиқ шудааст

Дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
19.08.2020, №1031 ба қайд
гирифта шудааст.

Тартиби муайян кардан ва барҳам додани ихтисосҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби муайян кардан ва барҳам додани ихтисосҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ (минбаъд- Тартиб) тартиби муайян кардан ва барҳам додани ихтисосҳоро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бо дар назар доштани имконияти воқеии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ муайян менамояд.

2. Ҳолатҳои таъсис ва барҳам додани ихтисосҳо дар ҷаласаи шӯрои олимони (педагогӣ) муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад.

## 2. ТАЪСИСИ ИХТИСОСҲО

3. Муассисаи таълимӣ бо мақсади таъсиси ихтисосҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамояд.

4. Мақсаду мароми муассисаи таълимӣ аз таъсис додани ихтисос таъмини соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат бо мутахассисони баландихтисос, мустаҳкам намудани пояи моддию техникии таълим иборат мебошад.

5. Барои баррасии ихтисосҳои пешниҳодшуда дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия таъсис дода мешавад. Ҳайати комиссия бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

6. Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ҷиҳати додани ихтисосҳо ба муассисаи таълимӣ дар комиссия мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба натиҷаи он ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса пешниҳод карда мешавад.

7. Дар асоси хулоса фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба додани ихтисосҳо ба муассисаи таълимӣ қабул карда мешавад.

8. Муассиса пас аз дарёфти хулосаи мусбат метавонад барои гирифтани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ вобаста ба ихтисоси дахлдор муроҷиат намояд.

9. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талабот мониторинги ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимиро мегузаронад.

## 3. ҲУҶҶАТҲО ДАР БОРАИ ГИРИФТАНИ ИХТИСОСҲО

10. Барои гирифтани ихтисосҳои нав муассисаи таълимӣ қарори дахлдори муассисаи таълимӣ вобаста ба таъсиси ихтисос (қарори шӯрои олимон ва ё омӯзгорон), стандарт, нақша ва барномаҳои таълимии ихтисосҳои таъсисшавандаро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

11. Муассисаи таълимӣ барои гирифтани ихтисосҳои нав дар бораи зарурати таъсиси онҳо (аз ҷумла мақсади таъсиси ихтисоси нав, мутобиқати ихтисос ба самт ва равияи муассисаи таълимӣ, ҷавобгӯ будан ба талаботи бозори меҳнат ва ғайра), шакли таълим ва шумораи хонандагону донишҷӯён, мутобиқати шумораи омӯзгорони асосӣ ва ҳамкор, дараҷаи касбии омӯзгорон, унвондорон (ҳайати профессорону омӯзгорон), таъмини раванди таълим бо маводи техникии таълим, мавҷудияти синфхона, лаборатория ва бо маводи таълимӣ муҷаҳҳаз будани онҳо, адабиёти таълимию методӣ вобаста ба ихтисосҳо ва ғайра маълумотнома пешниҳод менамояд.

12. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда бо дар назар доштани мутобиқати сатҳи ба талабот мутобиқат кардани заминаи моддӣ, техникӣ, таълимӣ ва кадрии муассисаи таълимӣ хулосаи мусбат пешниҳод карда мешавад.

13. Дар сурати мутобиқат накардани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда бо талаботи мавҷуда ба муассисаи таълимӣ ихтисосҳои нав дода намешавад.

## 4. БАРҲАМДИҲИИ ИХТИСОСҲОИ АМАЛКУНАНДА

14. Барои барҳамдиҳии ихтисосҳои амалкунанда муассисаи таълимӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш пешниҳод менамояд.

15. Барҳамдиҳии ихтисосҳои амалкунанда дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.